**«Тасдиқ мекунам» Ректори МДТ Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино**

**___________д.и.т., профессор Гулзода М.Қ.**

**«______» _____________соли 2019**

## 1. Муқаррароти умумӣ

Маркази таълимӣ,илмӣ,клиникии «Стоматология»-и МДТ Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино (минбаъд «Марказ») бо пешниҳоди Шӯрои олимони факултет тибқи қарори Шӯрои олимони донишгоҳ таъсис ва барҳам дода мешавад.

Мақсади асосии таъсис додани Марказ фароҳам овардани шароит барои ташкил ва гузаронидани раванди таълиму тарбия, корҳои муоличавӣ, илмӣ- тадқиқотӣ ва дар сатҳи баланд омӯзиши маҳорати касбӣ дар шароити Клиникаи донишгоҳии соҳавӣ мебошад, ки барои тайёр кардани мутахассисони баландихтисоси дорои маълумоти олии соҳаи стоматология ва ҷавобгӯй будани онҳо ба стандартҳои ҷаҳонӣ мусоидат хоҳад кард.

Низомномаи мазкур дар асоси ҳуҷҷатҳои зерин таҳия гардидааст:

1. Қонуни ҶумҳурииТоҷикистон «Дар бораи маориф».
2. Оинномаи ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи саломатии аҳолӣ».
4. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Барномаи рушди МДТ Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино дар солҳои 2006-2015».
5. «Низомномаи кафедраи муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо қарори мушовараи Вазорати маорифи ҶТ аз 13.04. с. 2006, № 8/4 тасдиқ шудааст.

Номи расмии Марказ:

- бо забони тоҷикӣ – Маркази таълимӣ,илмӣ,клиникии «Стоматология»-и МДТ Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино;
- бо забони русӣ – Учебно,научной,клинический центр «Стоматология» Таджикского государственного медицинского университета имени Абуали ибни Сино.

Марказ мӯҳри мудаввар ва штампи кунҷӣ бо номи пурра – Маркази таълимӣ,илмӣ, клиникии «Стоматология»-и МДТ Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино, инчунин

бланкаҳо ва дигар нишондиҳандаҳои рамзи МДТ ДДТТ, ки мутааликии Марказро нишон медиҳанд дорост.

Маҳалли ҷойгиршавии Марказ - шаҳри Душанбе, хиёбони Сино 30/1

## 2. Вазифаҳои Марказ

Вазифаҳои асосии Маркази таълимӣ,илмӣ,клиникии «Стоматология», ки дар асоси нақшаи кории аз тарафи раёсат тасдиқ шудааст амали мегардад иборатанд:

2.1 Фаъолияти таълимӣ- тарбиявӣ
2.2 Фаъолияти илмӣ
2.3 Фаъолияти муолиҷавӣ
2.4 Фаъолияти хоҷагидорӣ

### 2.1 Фаъолияти таълимӣ- тарбиявӣ

2.1.1. Ташкил ва гузаронидани машғулиятҳои лексионӣ, амалӣ, лабораторӣ ва дигар намудҳои машғулиятҳои таълимӣ тибқи нақшаҳои таълимии донишгоҳ ва назорати ҷараёни он.

2.1.2. Фароҳам овардани шароит барои таъмини ҷараёни таълимию педагогӣ бо истифодаи шаклҳои нави усули таълим, дастовардҳои илм ва амалияи тиб.

2.1.3. Ташкил ва гузаронидани санҷишу имтиҳонҳои ҷорӣ ва хатмкунии давлатӣ.

2.1.4. Таъмин намудани самаранокии баланди ҷараёни таълим.

2.1.5. Ташкил ва гузаронидани корҳои таълимӣ – истеҳсолӣ, таҷрибаомӯзӣ, корҳои дипломӣ.

2.1.6. Ташкил ва ба роҳ мондани корҳои тарбиявӣ дар байни донишҷӯён.

2.1.7. Фаъолияти таълимию тарбиявӣ дар асоси Низомномаҳои кафедраҳои тахассусии стоматологӣ ва «Консепсияи миллии тарбия» ба роҳ монда мешавад.

### 2.2 Фаъолияти илмӣ

2.2.1. Ташкили корҳои илмӣ – тадқиқотӣ ва назорати ҷараёни он.

2.2.2. Созмон додани чорабиниҳои илмӣ (конференсияҳои илмӣ, симпозиум, семинарҳо).

2.2.3. Ба роҳ мондани корҳои илмӣ – тадқиқотии комплексӣ.

2.2.4. Тайёр кардани кадрҳои илмию педагогӣ тавассути аспирантура, унвонҷӯи ва докторантура.

2.2.5. Ба роҳ мондани фаъолияти ҷамъияти илмии донишҷӯён.

2.2.6. Фароҳам овардани шароит барои кафедраҳои тахассусии факултети стоматологӣ оид ба гузаронидани корҳои илмӣ-тадқиқоти нисбати таҳия намудани усулҳои самарабахши пешгирӣ, ташхис, табобат ва реабилитатсияи беморон.

2.2.7. Корҳои илмӣ тадқиқотӣ аз номи Марказ ва кафедраи мувофиқ чоп карда мешаванд.

2.2.8. Мувофиқи тартиби муқарраргардида гузаронидани апробатсия ва баҳодиҳии самаранокии усулҳои нави пешгирӣ, ташхис, табобат ва реабилитатсияи беморон, тайёр ва ворид намудан ба амалияи тандурустӣ.

2.2.9. Корҳои илмӣ тадқиқотӣ дар Марказ мувофиқи нақшаи аз тарафи донишгоҳ тасдиқ гардида гузаронида мешаванд.

## 2.3 Фаъолияти муоличавӣ

2.3.1. Ба аҳолӣ расонидани ёрии баландихтисоси тиббию машваратии пулакӣ дар асоси қарори №600 Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи ичтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон:

- Гузаронидани чорабиниҳои пешгирӣ барои паст шудани сатҳи бемориҳои стоматологӣ;
- Табобати пурраи (санатсия) ковокии даҳон;
- Диспансеризатсияи беморони дорои бемориҳои стоматологӣ;
- Табобати бемориҳои дандонҳо ва ковокии даҳон;
- Тайёр намудани протезҳо;
- Табобати ортодонтии деформатсия ва аномалияҳо;
- Имплантатсияи дандонҳо;
- Гузаронидани ҷарроҳиҳои амбулаторӣ.

2.3.2. Назорати ҷараёни таҷрибаи таълимию истеҳсолии донишҷӯён.

2.3.4. Назорат аз болои ҳолати саломатии кормандон ва донишҷӯён ва ба онҳо расонидани ёрии машваратӣ бе пардохти маблағ.

2.3.5. Тайёр ва баланд бардоштани тахассуси кормандони Марказ.

2.3.6. Тайёр намудани ассистентони кафедра ва кормандони Марказ барои гузаштан аз аттестатсия ва гирифтани дараҷаи тахассусӣ.

2.3.7. Ташкил намудани ҳуҷраҳои махсусгардонидашуда, ёрии таъҷилии стоматологии шабонарӯзии доимӣ амалкунанда, статсионари якрӯза ва инчунин филиалҳо.

2.3.8. Ташкил ва назорати иштироки кормандони кафедраҳои тахассусӣ дар ҷараёни расонидани ёрии тиббии музднок ба ниёзмандон:

**мудирони кафедраҳо:**

-барои шахсан иштирок намудан дар кӯмак расонидан ба тандурустии амалӣ тариқи гузаронидани корҳои машваратию сарпарастӣ ва табобатӣ аз тарафи кормандони кафедра дар назди раёсати донишгоҳ ва роҳбарияти Марказ ҷавобгар мебошанд.

**дотсентҳо вазифадоранд:**

- барои шахсан иштирок намудан дар кумак расонидан ба тандурустии амалӣ тариқи гузаронидани кори табобатӣ дар ҳаҷми

0,25 воҳиди кории табиби тахассусии соҳавӣ ва иҷро намудани талабот ва фармонҳои раёсати донишгоҳ ва роҳбарияти Марказ.

**ассистентон ва омӯзгорон вазифадоранд:**

- шахсан иштирок намудан дар кӯмак расонидан ба тандурустии амалӣ тариқи гузаронидани кори табобатӣ дар ҳаҷми 0,5 воҳиди кории табиби тахассусии соҳавӣ ва иҷро намудани талабот ва фармонҳои раёсати донишгоҳ ва роҳбарияти Марказ .

**табиб стоматолог вазифадораст:**

- шахсан иштирок намудан дар кӯмак расонидан ба тандурустии амалӣ тариқи гузаронидани кори табобатӣ дар ҳаҷми 1,0 воҳиди кории табиби тахассусии соҳавӣ ва иҷро намудани талабот ва фармонҳои раёсати донишгоҳ ва роҳбарияти Марказ

## 2.4 Фаъолияти хоҷагидорӣ

2.4.1. Марказ кафедраҳои тахассусиро барои фаъолияти кормандонаш бо ҳуҷраҳо, дастгоҳҳои тиббӣ, асбобҳо ва ғайра таъмин менамояд.

2.4.2. Дар мӯҳлатҳои муайяншуда гузаронидани таъмири ҷорӣ ва капиталии ҳуҷраҳои кафедраҳо, ки бо мақсади таълимию педагогӣ ва илмӣ – тадқиқотӣ истифода карда мешаванд.

2.4.3. Назорат ва таъмини таъмири дастгоҳҳои тиббӣ, механизмҳо, коммуникатсияҳои муҳандисию техникӣ барои бо сифат гузаронидани ҷараёни табобатию машваратӣ, таълим ва тадқиқотҳои илмӣ.

2.4.4. Маъмурияти Марказ якҷоя бо роҳбарони кафедраҳо иҷроиши қоидаҳои бехатарии техникӣ, ҳимояи меҳнатӣ ва бехатарии зиддисӯхториро таъмин менамояд.

2.4.5. Марказ аз ҳисоби буҷети давлатӣ дар доираи маблағҳои ҳамасола пешбинишаванда ва маблағҳои махсусӣ, сарпарастон, маблағҳои аз ҳисоби фаъолияти Марказ ба хазинаи донишгоҳ воридшаванда ва дигар сарчашмаҳои ғайрибуҷетӣ таъмин мегардад.

2.4.6. Фаъолияти молиявӣ ва хоҷагидории Марказро сармуҳосиби ДДТТ ва инчунин комиссияи тафтишоти бо супориши ректор тафтиш менамояд.

2.4.7. Марказ ҳуқуқ надорад, ки бе розигии роҳбарияти ДДТТ биноҳо, иншоот, таҷҳизот, воситаҳои нақлиёт, асбобу анҷом ва дигар сарватҳои моддии ба вай вобаста шударо фурӯшад, иваз намояд, ба иҷора диҳад, ройгон ба истифодаи муваққатӣ ё қарз диҳад, инчунин онҳоро аз баланс барорад, агар қарори мақомоти ДДТТ шарту шароити дигарро пешбинӣ накарда бошад.

## 3. Сохтори марказ

3.1. Дар заминаи Марказ кормандони кафедраҳои тахассусии факултаи стоматологӣ (стоматологияи муоличавӣ, ортопедӣ, ҷарроҳии ҷоғу рӯй ва стоматологияи кӯдакон) фаъолият менамоянд.

3.2. Марказ аз қисми маъмурӣ ва хоҷагӣ, шӯъбаи табобат ва ҷарроҳӣ, шӯъбаи ортопедӣ бо лабораторияи дандонсозӣ иборат мебошад. Бо пешниҳоди директори Марказ, сохтор ва воҳидҳои кории он аз рӯи рартиби муқаррааргардида аз ҷониби ректори ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино тасдиқ карда мешавад.

3.3. Марказ вобаста ба васеъ шудани доираи фаъолият, дигаргуниҳои соҳаи он бо розигии роҳбарияти ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино метавонад сохтори худро тағйир диҳад.

3.4. Роҳбарии Марказ аз тарафи директор амалӣ мегардад, ки бо фармони ректори ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино таъин ва аз кор озод карда мешавад. Мудирон ва кормандони кафедраҳои тахассусӣ дар ҳамаи ҷабҳаҳои кор дар назди директори Марказ ҳисобот медиҳанд ва фармонҳои ӯро иҷро менамоянд.

3.5. Директори Марказ ба ҳайъати Шӯрои олимони донишгоҳ шомил мешавад ва дар якҷоягӣ бо мудирони кафедраҳои тахассусии донишгоҳ барои сифати корҳои таълиму тарбия, илмӣ ва табобатию ташхисӣ ҷавобгӯй мебошад.

3.6. Директори Марказ дар ҳудуди ваколатҳои худ супоришу дастурҳо медиҳад, ки иҷроиши онҳо барои ҳамаи мудирони кафедраҳои тахассусӣ ва кормандони Марказ ҳатмӣ мебошад.

3.7. Директор ҳуқуқ дорад дар ҷараёни таълиму тарбия, дар вазифаҳои профессорону устодон бо шарти ҳамкорӣ (то 0,5 воҳиди корӣ) ё тибқи соатбай кор кунад.

3.8. Кормандони Марказ дар ҳамоҳангӣ бо ректори донишгоҳ таъйин карда шуда, вазифаҳои худро дар асоси Низомномаи мазкур ва дастурамали функсионалӣ иҷро менамоянд.

3.9. Марказ шакл, низом ва андозаи музди меҳнат, инчунин дигар намудҳои даромади кормандонашро дар мувофиқа бо ректори ДДТТ муайян менамояд.

4.0. Марказ дар интихоби мавзӯи шартнома оиди муайян кардани муносибатҳои тарафайни хоҷагидорӣ, ки ба қонунгузорӣ мухолифат мекунад озод нест.

4.1. Ассистентон ва дотсентҳои кафедра қабул ва хизматрасонии тиббиро мутобиқи бандҳои 2.3.1 ва 2.3.8 –и Низомномаи мазкур мерасонанд. Барои қабул ва хизматрасонии беморон зиёда аз ҳаҷми пешбинишудаи кор пардохти иловагӣ ба назар гирифта шудааст. Дигар ваколат ва вазифаҳои кормандони кафедраҳои дар Марказ ҷойгиршуда мутобиқи моддаҳои Низомномаҳои кафедраҳо ба низом даровардa мешавад.

4.2. Вазифаҳои директор ва кормандони Марказ тибқи дастурамали вазифавӣ ки аз тарафи ректори донишгоҳ ва Иттифоқи касабаи

кормандони донишгоҳ тасдиқ гардидааст муайян карда мешавад (Замимаи 2).

Низомномаи Маркази таълимӣ,илмӣ,клиникии «Стоматология»-и МДТ Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино